**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович тахти унвони "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки ба химоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси барои 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон метавон ба ҳамгироии илму таҳсилот дар шароити муосир имкони хуберо фароҳам орад. Чунин рушди ҷаҳонбинӣ барои муайян намудани хусусияти дарки илмии Олам накши муҳим бозида, ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз сатҳи мустакилона азхудкунии дониш ба истифодаи эҷодкоронаи он гузарад.

Дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан мухим аст. Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим манзараи дидактикии мактаби типи инноватсиониро ба зудӣ тағйир дода, иваз намудани заминаҳои онро такозо менамояд. Пеш аз ҳама, ин ба ивазкунии ҳадафҳоро дар раванди азхудкунии мустакилонаи донишҳо ва инкишофи механизмҳо, дидгоҳҳоро нисбат ба фарогирии онҳо дахл дорад, ки истифодаи воситаҳои навтарин ба ин мусоидат намуд, ки барои навъҳои гуногуни коммуникатсияҳо имконияти густурдаро пешниҳод мекунанд.

Дар автореферат муаллиф кайд менамояд, ки хусусияти педагогии роҳҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ- ин таҳқиқи технологияҳои инноватсионии таълим аст, ки ба омӯзиши худи ҳамин роҳҳо, зимнан ҳама гуна роҳҳои ҳар як соҳаи илм равона шудааст. Зимни шартҳои муҳими дидактикӣ, муаллиф ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва табдили донишҳо ба ақидаҳо, инкишофи фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва беруназдарсиро меҳисобад. Дар раванди таҳсилот ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионии таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки амиқӣ ва мустаҳкамии донишҳоро таъмин намояд, маҳорату малакаҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти мустаҳкам кунад; тафаккури технологӣ, маҳорати мустақилона банақшагирии фаъолияти таълимӣ, худомӯзии худро инкишоф диҳад; одатҳои риояи дақиқи талаботи фанни технологиро дар ташкили машғулиятҳои таълимӣ тарбия намояд.

Дар диссертатсия ғояҳои пешниҳодкардаи муаллиф тасдиқ карда шудаанд, ки яке аз онҳо- ин истифодаи таносуби ратсионалии парадигмаҳои эмпирӣ, алгоритмӣ ва стохастӣ дар раванди таълим ҳам ба инкишофи ҷаҳоншиносии хонандагон, ҳам ба натиҷаҳои умумии таълим таъсири мусбат мерасонад. Ин ғояи пешниҳодшуда ҷиҳати амалисозии мақсадҳои таҳқиқот заминаи мусоид гузоштааст.

Дар маҷмуъ, аз фишурдаи рисола арзишмандии кори диссертатсионии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯровичро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шудани масъалаҳои рушди ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас, баланд бардоштани сифати маърифатноксозӣ, омӯзиш ва азхудкунии технологияҳои муосири педагогӣ, истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва идоракунии ҷараёни тадрис аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои педагогии он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;
- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;
- мафҳумҳои “ҷаҳонбинӣ”, «ҷаҳонбинии илмӣ», «технологияи иннотватсионӣ» аз ҷиҳати ҳам психологӣ ва ҳам педагогӣ таҳлил карда шудаас;
- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;
- тариқи озмоиш самаранокии истифодаи амсилаи технологияҳои инноватсионии таълим барои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон санҷида шудааст;
- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки истифодаи доираи васеи технологияҳои инноватсионии таълим ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вақти таълимиро сермаҳсул истифода бурда, дар маҷмӯъ, ба натиҷаҳои баланди таълимии хонандагон, аз ҷумла, ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии онҳо ноил гардад.

Самаранокии муҳтавои кори таҷрибавӣ-санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо ба тарики пурра дар автореферат инъикос гардидааст.

Ҳамаи натиҷаҳое, ки дар автореферати Худойназаров М. А. пешниҳод шудаанд, дорои навгонӣ буда, асоснок карда шудаанд. Мавзӯи ба шаҳодатномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ дар мақолаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шудааст, инъикос ёфтаанд.

Автореферат натиҷаҳои асосии диссертатсияро дуруст инъикос менамояд.

Хулоса, автореферати Худойназаров М. А. – ро, ки ба мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бахшида шудааст, ба талаботи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисосӣ 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафераи
фанҳои риёзӣ - табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон _________ Азимова Назира Самадовна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
Маҳаллаи 17, хонаи 1, тел.:+992(3422)-23811, моб.:+992(92)70707107
Почтаи электронӣ:
Вэб сомона: www.tsulbp.tj

Имзои Н.С. Азимоваро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон И.Ҳ. Мирпоччоев